Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

24 апрели соли 2002. Чоршанбе № 30 (12773)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 18.50 имзо гардид.

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 22 апрел дар қароргоҳи Оқсарой ёвари Президенти ИМА оид ба масъалаҳои минтақавӣ, вакили махсуси Президенти ИМА дар Афғонистон Залмай Халилзодаро пазируфт.

Залмай Халилзода беҳуда вакили махсус дар Афғонистон таъин нагардидааст. Вай арбобест, ки минтақаи мо ва муаммоҳои онро амиқан омўхтааст.

Президент Ислом Каримов зикр намуд, ки ў бо фаъолияти меҳмон хуб ошно мебошад ва тадқиқотҳои амалигардондаистодаи ў аз хусуси вазъияти минтақаи моро хуб дарк карданаш гувоҳӣ медиҳад.

— Нуктаи назар ва мавқеи шумо аз бисёр ҷиҳат бо мавқеи Ўзбекистон ҳамоҳанг аст, — гуфт сарвари давлатамон.

Дар рафти сўҳбат мубодилаи афкор оид ба дар минтақаи мо таҳким бахшидани амният ва мўътадилӣ, вазъият дар Афғонистон, ҳамкории байни Ўзбекистон ва ИМА ва дигар масъалаҳое ба амал омад, ки ҷонибҳо ба онҳо майлу шавқ доштанд.

(ЎзА).



## Маҳсулоти «Улуғбек»

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ омўхтани талаби бозор, эҳтиёҷи харидорон аҳамияти калон дошта, боиси вусъат ёфтани рақобат мегардад. Инро кормандони фирмаи истеҳсолии тиҷоратии «Улуғбек»-и ноҳияи Учкўприки вилояти Фарғона хуб дарк карда, хизматрасонии худро дар пойгоҳи талаби айёму замон ба роҳ гузоштаанд.

Аҳли фирма баробари корҳои тиҷоратӣ бо рўёндани маҳсулот ҳам шуғл меварзанд. Дар ин ҷо нишонҳо барои роҳҳои автомобилгард тайёр карда мешаванд, ки талаб ба онҳо пайваста баланд мегардад. Бартарии ин маҳсулот дар он аст, ки аз ашёи хоми маҳаллӣ тайёр гардида, хушсифат, арзон ва назаррабост. Баробари ин аҳли фирма муҳсулотро ба мизоҷони худаш расонда медиҳад, ки он бешак, дар бобати доманадор шудани фаъолият нақши калоне мебозад.

Соли гузашта аҳли фирма 36 миллион сўмина маҳсулот баровард ва онро соли кунун ба 45 миллион сўм расонданианд.

**Дар сурат:** коргари фирма **Ислом УМАРОВ**, сарвари он **Мадамин ТУРСУНОВ** ва мусаввир **Ҳабибулло АМОНОВ** ҳини суҳбат.

**Матн ва сурати Муқимҷон ҚОДИРОВ. (ЎзА).**

## Маҷаллаи «Time Bureau» дар бораи Ўзбекистон

***Маҷаллаи «Time Bureau», ки дар Ҳиндустон рўи чопро мебинад, шумораи апрелии худро махсус ба масъалаҳои ҳамкории инкишофёбандаи байни Ўзбекистон ва Ҳиндустон бахшидааст.***

Дар шумораи мазкури маҷалла маводҳои рангоранг дар бораи равобити тиҷоративу иқтисодии байни Ўзбекистону Ҳиндустон, аз хусуси ислоҳотҳое, ки дар ҳамаи соҳаҳои мамлакатамон таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов ба рўи об бароварда мешаванд, дода шудааст.

Мақолаи алоҳида ба раъйпурсие бахшида шудааст, ки дар мамлакати мо 27 январи соли кунун ба амал омад. Дар ин мақола, ки «Раъйпурсӣ дар Ўзбекистон — намоиши демократия» ном дорад, чунин сатрҳо иншо гардидаанд: «Раъйпурсӣ нишон дод, ки халқ метавонад азму иродаи худ, муносибати хешро ба равандҳое, ки дар ҷамъият рух медиҳанд, озодона баён кунад. Ва он омили муҳими тағйир ёфтани афкори одамон ва минбаъда пурзўр гардидани фаъолнокии онҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ мебошад».

Дар мақола махсусан зикр ёфтааст, ки раъйпурсӣ бо иштироки назоратчиёни хориҷӣ ва намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ, дар пойгоҳи усулиятҳои демократӣ, дар рўҳи рушодгўӣ ва ошкорбаёнӣ гузашт.

Муаллифи мақола Ч.Гаутам мебошад, ки дар раъйпурсӣ ба сифати назоратчии байналхалқӣ иштирок намудааст.

Дар маҷалла ҳамчунин маводҳо оид ба ҷашни шаҳри Тирмиз, бисёр мақолаҳо оиди ҳаёти маънавиву фарҳангии мамлакат ҷой пайдо кардаанд.

## Ҳаллу фасли муаммо

То ҳоли ҳозир қариб нисфи аҳолии ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд аз хизмати хатти нақли газе истифода мебурд, ки тавассути ноҳияи Тайлоқ ва шаҳри Самарқанд мегузашт. Аз ҳамин сабаб дар фасли зимистон бисёр вақт ҳолатҳои кам гардидани фишори газ мушоҳида мегардид.

Ба мақсади ҳаллу фасли ин муаммо дар ноҳия истгоҳи нави тақсимкунии газ сохта шуд. Ва он на танҳо талаби ноҳияро ба газ пурра қонеъ мегардонад, балки газро ба як қисми аҳолии ноҳияҳои Тайлоқ ва шаҳри Самарқанд ҳам расонда медиҳад.

**Уйғун РЎЗИЕВ, мухбири ЎзА.**

## Қарор ва иҷро

# Бурду бохтҳо

Ба қарибӣ маҷлиси Кумитаи масъалаҳои иҷтимоӣ ва бо корфарогирии аҳолии Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон баргузор гардид. Ҷамъомад таҳти роҳбарии раиси кумитаи мазкур Машкура Сафоева гузашт. Дар он масъалаҳои алоқаманди иҷрои Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Оид ба назорати давлатии санитарӣ» дар мисоли вилояти Сурхондарё баррасӣ шуданд.

Бинобар хулосаҳое, ки гурўҳи корбасти аз ҷониби кумита созмон додашуда муайян намудааст, дар вилоят дар бобати иҷрои Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Оид ба назорати давлатии санитарӣ» корҳои маълум ба иҷро расиданд. Аз ҷумла, ҳокимияти вилоят ба масъалаҳои пешгирӣ ва таъмин намудани бехатарии эпидемиологӣ дар байни аҳолӣ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Дар ин ҷо бо назардошти вазъи экологии ҷумҳуриҳои ҳамҳудуд ва бо мақсади пешгирӣ намудани паҳншавии касалиҳои сироятkунандаи нақшаи амалиёт тартиб дода шудааст ва тасдиқ гардидааст. Бинобар ин нақшаи амалиёт баҳри қабули бемориҳои сироятkунандаи вазнини хавфноки дорои 560 кат, барои қабули бемороне, ки ба гирифтории касалиҳои сироятkунанда гумонбар шудаанд, бемористони дорои 750 кат, муассисаҳои ташхисиву ривоҷи дорои 1075 кат омода ва бо дорувору таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардидаанд. Дар минтақаҳои бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя ҳамҳудуди вилоят 6 шабакаи назорати санитарӣ ташкил додааст.

Бо мақсади муайян кардану бехатар намудани манбаъҳои қаламрави вилоят, ки муҳити атрофро заҳролуд ва муфлис менамоянд, бо ҳамдастии ҳокимиятҳои шаҳру вилоятҳо ва ташкилотҳои мутасаддӣ чандин бор рейдҳои якҷоя гузаронда шуданд. Дар вилоят дар бобати воқиф сохтани шаҳрвандон аз вазъи эпидемиологӣ ва радиоатсионӣ низ корҳои амалӣ иҷро гардидаанд.

Ҳамчунин дар мавзеъҳое, ки корхонаҳои муштараку хурду миёна, дўконҳои хариду фурўш ва ошхонаҳои нав бунёд меёбанд, назорати давлатии санитарӣ сари вақи кор мебарад, онҳоро аз талабу тақозои қонунҳои мавҷуда огоҳ месозад.

Дар тули солҳои 1999-2001 тамоми иншооти об соле як бор санҷида шудаанд. Соли 2001 барои вайрон кардани қоидаҳои санитарӣ ва талабҳои меъёрӣ аз 80 нафар шахс ба андозаи 801332 сўм ҷарима ситонда шудааст. Бинобар пешниҳоди назорати давлатии санитарӣ ва эпидемиологӣ кори 2 иншооти об боздошта ва 17 нафар аз вазифаҳои худ сабукдўш карда шудаанд.

Дар вилоят назорати дахлдор нисбати маҳсулоте, ки аз хориҷи кишвар ворид мегардад, бинобар талабҳои Сардухтури давлатии санитарии ҷумҳурият ба роҳ монда шудааст.

Дар натиҷаи корҳои ба субутрасида соли 2001-ум нисбати соли 1999 касалиҳои ҳастагии ботинӣ 25 фоиз, дигар салмонеллёзҳо 71 фоиз, тамоми бемориҳои вазнини сироятkунандаи меъдаву рўдаҳо 22 фоиз, вирусҳои гепатит 31,5 фоиз ва касалии табларза 21 фоиз кам гардидаанд. Касалии дифтерия бошад, дар тўли 5 соли охир дар ҳудуди вилоят умуман ба қайд гирифта нашудааст.

Баробари корҳои мусбие, ки гурўҳи намояндагони халқ дар вилояти Сурхондарё дар бобати ҷорӣ намудани Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Оид ба назорати давлатии санитарӣ» ва бо мақсади таъмини иҷрои қарори ҳукумати ҷумҳурӣ мебаранд, як қатор камбудиҳо ва норасоиҳо ҳам маълум шуданд.

Чунончи, равшан гардид, ки фаъолияти ғайриқаноатбахши баъзе корхонаҳои хўроки умумӣ, сифати маҳсулот ва маснуоти онҳо аз дидгоҳи назорати давлатии санитарӣ ва эпидемиологии вилоят берун мондаанд. Ҳолатҳои дар растаҳои бозор ба фурўш баровардани маҳсулоти бесифат, муддати истифодаашон гузашта ва дар шароити номусоиду номувофиқ гузошташуда, ки аз ҷониби шахсҳои бо тадбиркорӣ машғул ба харидорон пешкаш карда мешаванд, муайян гардиданд.

Дар мактабҳо ва муассисаҳои тарбияи томактабӣ мавҷудияти аҳволи нохуш қайд гардид. Чунончи, дар мактаби рақами 2-юми ноҳияи Музрабод ва маърифатгоҳи рақами 2-юми ноҳияи Ангор шароити таҳсил бад аст, синфхонаҳо сард мебошанд, боми онҳо мечаканд, ҷиҳозоти зарурӣ нестанд, хонаҳои барои хўрокхурӣ таъиншуда ба талабот ҷавоб намедиҳанд ва ғайра. Ҳамчунин дар кўдакистони «Симурғ»-и ноҳияи Музрабод ба қонуну қоидаҳои санитарию гигиенӣ ба тарзи бояду шояд эътибор надодаанд.

Ҳоли ҳозир аз 306 иншооти оби вилоят дар 278-тояш минтақаҳои ҳифзи санитарӣ мавҷуданд, боқимонда 28-тояшон бо минтақаҳои ҳифзи санитарӣ пурра печонида нашудаанд. Корҳои поксозии биологии обҳои ҷории иншооти саноатӣ ва маишии вилоят қобили қабул нестанд.

Дар ҷамъомади кумита сабабҳои чунин ҳолатҳои нохуш таҳлил гардиданд, сабабҳои обективӣ ва субективии онҳо баррасӣ шуданд. Вакилони халқ баробари муносибати танқидӣ ва ошкоро ба фаъолияти ташкилотҳои дахлдори соҳаи вилоят дастовардҳо ва натиҷаҳои хуби кори онҳоро низ зикр намуданд. Дар маҷлис ҷонишини ҳокими вилояти Сурхондарё Қувондиқ Мадатов, роҳбарони дигар ташкилот ва раёсатҳои вилоят баромад карда, оид ба корҳое, ки дар тўли қариб якуним моҳи баъди санҷиши гурўҳи корбасти кумита бинобар хулоса ва пешниҳодоти он ба иҷро расидаанд, маълумот доданд. Нотиқон ҳамчунин ба саволҳои намояндагони Олий Маҷлис, иштирокдорони гурўҳи корбасти кумита ҷавоб гуфтанд.

Кумита дар асоси масъалаҳои мавриди баррасӣ қарори дахлдор қабул кард.

**Т. ТЎХТАЕВ, хабарнигори хоссаи «Овози тоҷик».**

## Машварати Кенгаши мутобиқгар

***Дар Девони Вазирон машварати Кенгаши мутобиқгар оид ба масъалаҳои амалӣ гардондани лоиҳаҳои калон ва муҳими стратегии сармоягузорӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ ба амал омада, дар он аъзои кенгаш, ҳамчунин сарварони вазорату идораҳо, кумитаҳо ва ташкилотҳои дахлдор иштирок намуданд.***

***Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси кенгаш Козим ТЎЛАГАНОВ гузашт, натиҷаҳои дар семоҳаи аввал иҷро гардидани барномаҳои сармоягузорӣ дар мамлакат, ҳамчунин вазифаҳои навбатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.***

Ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ дар бобати рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодиёт, баланд бардоштани босамарии истеҳсолоти корхонаҳо ва нерўи содиротӣ нақши калоне мебозад. Ба ҳамин мақсад дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт тамоми шароит барои азхудкунии маблағгузориҳои калони асосӣ ва собитқадамона иҷро гардидани барномаҳои сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ин рў дар мамлакатамон дар ин бобат корҳои зиёде ба иҷро расонда мешавад. Вале баробари ин дар як қатор ташкилотҳо дар семоҳаи сипаришуда кам азхуд кардани маблағҳо аз ҳисоби сармояҳои хориҷӣ ба назар расид.

Дар машварат ба сарварони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор фармоиш ва вазифаҳои зарурӣ оид ба васеъ ҷалб сохтани технологияи нав ба сохторҳои истеҳсолӣ, сари вақт иҷро намудани тадбирҳои андешидашуда оид ба созмон додани корхонаҳои муштарак ва ба даст омадани босамарии истифодабарии сармояҳои хориҷӣ дода шуданд.

## Маҷлиси комиссияи ҷумҳурӣ

***Таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Рустам АЗИМОВ маҷлиси Комиссия оид ба ислоҳсозии соҳаи иқтисодӣ, молиявӣ, бонк, рушд ва таҳкими усулиятҳо ва механизмҳои иқтисоди бозаргонии Кенгаши мутобиқгари байниидоравӣ оид ба ислоҳсозӣ ва сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба амал омад.***

Дар он маърўза «Дар бораи Барномаи дигаргунсозиҳои сохторӣ дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар соли 2001» мавриди муҳокима қарор гирифт, ки Маркази сиёсати босамари иқтисодии назди Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор тайёр намудааст.

Нотиқон зикр намуданд, ки самтҳои асосии барномаи дарозмўҳлати дигаргунсозиҳои сохтори иқтисодиёт, ки бо назардошти стратегия ва самтҳои устувори ислоҳоти иқтисодие, ки Президент Ислом Каримов дар маърўзаҳояшон дар сессияҳои Олий Маҷлис, маҷлисҳои Девони Вазирон ва Кенгаши байниидоравӣ оиди ислоҳсозӣ ва сармоягузорӣ муайян кардаанд, таҳия гардидааст. Мақсади дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар иқтисодиёт бо дурнамои дарозмўҳлат таъиншуда ба вуҷуд овардани сохтори иқтисодиёти ба содиротрўоваранда ва рушди истеҳсолоти ба рақобаттобовар, ки ба сохтори тағйирёбандаи талаб нисбати бозори беруна ва дохила мос мегардаду ба таъмини рушди устуворонаи иқтисодиёти мамлакат ва афзудани даромади аҳолӣ нигаронда шудааст, мебошад. Самтҳои тағирёбанда ва соҳавии дигаргунсозиҳои сохторӣ ба давраи миёнамўҳлату дарозмўҳлат муайян карда шуданд.

Ба рўи об баровардани самтҳои муайянгардида маънои пешравиҳои ҷиддиро дар сохтори иқтисодиёт дорад ва шароиту таҳкурсиро барои афзоиши устуворонаи иқтисодиёт фароҳам меоварад. Ҳиссаи саноат нисбати сохтори маҳсулоти умумии дохила ду баробар меафзояд. Афзоиши соҳибкории хурду миёна нисбати маҳсулоти умумии дохила 50 фоиз, ҳиссаи содирот нисбати маҳсулоти умумии дохила 30 фоизро ташкил медиҳад. Суръати миёнаи солонаи афзоиши маҳсулоти умумии дохила дар тўли солҳои 2002-2010 ба андозаи 6-8 фоиз, саноат — 10-11 фоиз, кишоварзӣ — 6 фоиз, адои хизмат — 8 фоиз пешбинӣ гардидааст. Афзоиши солонаи сармоягузорӣ нисбати маблағгузории асосӣ ба 8-9 фоиз баробар хоҳад гардид.

Аз рўи муҳокимаи масъала, ки бо рўҳи танқидӣ гузашт, аз нав таҳия намудани он аз рўи самтҳои муҳим пешниҳод гардид.

Комиссия ба Маркази босамарии сиёсати иқтисодии назди Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор супурд, ки якҷоя бо марказҳои тадқиқотии Вазорати молия ва Бонки Марказӣ дар тўли як моҳ лоиҳаи маърўзаро аз нав таҳия созад, бо иштироки сарварони идораҳои соҳавӣ ташхиси такрории онро гузаронда, ба баррасии Ҳайати муттаҳидаи назди Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор онро пешниҳод созад.

**(ЎзА).**

## Фарғонаи идона

### Имрўз дар Фарғона мусобиқаҳои ҷумҳурии варзишӣ таҳти унвони «Умид ниҳоллари-2002» ба амал меоянд

Мусобиқоти мазкури варзишӣ, ки бо ташаббуси Президент Ислом Каримов дар мамлакатамон бори аввал гузаронда мешавад, дар бобати тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқии ҷавонон, ошкор сохтан ва тайёркунии варзишгарони бомаҳорат нақши калоне мебозад. Мусобиқаҳои мазкур, ки ба худ мақоми олимпиадаи хурдро гирифтааст, барои рўшан зоҳир кардани имкониятҳои варзишии ҷавонон мусоидат мекунад. Боз як ҷиҳати муҳими он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки ғолибони он дар оянда шарафи мамлакати моро дар арсаи байналхалқӣ ҳимоя мекунанд.

Фарғона ба бар либоси идона гирифтааст. Тамоми маҷмўъҳои варзишии Фарғона, Марғелон, ноҳияҳои Фарғона, Тошлоқ ва Киргулӣ ба мусобиқаҳо тайёр ҳастанд. Варзишгоҳи марказии «Нефтчӣ», ки қисми зиёди мусобиқаҳо дар ин ҷо ба амал меоянд, дар фурсати кўтоҳ мувофиқи талаби андозаҳои байналхалқӣ таҷдид гардида, барои тамошогарон ва варзишгарон кулли шароит фароҳам оварда шудааст. Ба ин корҳо ва ободониву сабзу хуррамгардонӣ сарф гардидани 350 миллион сўм аз доманадории бунёдкорӣ гувоҳӣ медиҳанд.

— Ман аз он хурсанд ҳастам, ки дар таҷдиди варзишгоҳҳо иштирок намуда, саҳми худро гузоштам, — мегўяд устои тошкандӣ Ҷаҳонгир Турсунмуродов. — Ба муносибати мусобиқаҳои дар пешистода Фарғона ба бар либоси нав гирифта, хеле ҳам ҷавонтар гардид.

Аз суханони ташкилотчиёни мусобиқаҳо ҳамин аён гардид, ки дар доираи он тадбирҳои мухталифи фарҳангӣ, барномаҳои рангин гузаронда мешаванд. Тадбирҳо оид ба рўзҳоро пурмазмун гузарондани иштирокдорони мусобиқаҳо, бо урфу одат, анъаноти фарғонагиён аз наздик ошно сохтани онҳо андешида шудаанд.

— Ба мусобиқаҳо донишҷўёни донишгоҳи мо ҳам тайёрии хуб диданд, — мегўяд сарвари Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот»-и Донишгоҳи давлатии Фарғона Тоҳирҷон Шокиров. — Мо барои хуб истироҳат кардани иштирокдорони мусобиқаҳо диққату эътибори калон медиҳем. Ба ҳамин мақсад гурўҳеро иборат аз сад кас созмон додаем, ки иштирокдоронро ба сайру саёҳат мебаранд. 70 автобус ба ҳамин мақсад ҷудо гардидааст.

Машъалаи мусобиқа аз ноҳияи Паркент даргиронда, саросари ҳудуди вилоятро убур кард. Он аз ноҳияҳои Данғара, Учкўприк, Бувайда, Бағдод, Риштон, Олтиариқ, шаҳрҳои Қўқанду Марғелон гузашта, ба варзишгоҳи марказӣ оварда шуд. Бояд тазаккур дод, ки шаҳру деҳоте, ки машъала «ҳаракат» намуд, бисёр ободу зебо гардонда шудаанд. Алалхусус, ба корҳои ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ диққату эътибори калон доданд. Аз ҳамин сабаб саросари вилояти Фарғона ба бар либоси идона гирифта, хеле ҷавон гардидааст. Ба ин корҳо ва бунёдкориҳо харҷ гардидани беш аз 3 миллиард сўм аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки фарғонагиён ба иди варзишу ҷавонӣ тайёрии пухта дидаанд.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Ҳини маросимҳои кушоишу пўшидашавии бозиҳои варзишии «Умид ниҳоллари-2002» қариб шаш ҳазор нафар мактабхонон ва бисёр ҷамоаҳои ҳаваскорони санъат иштирок мекунанд.

Бешак, мусобиқаҳо дар бобати боз ҳам оммавӣ гардидани варзиш дар байни мактабхонон нақши калоне хоҳад бозид.

**(Мухбири худамон).**

## Андешаҳо пeромуни обуна

# Ғурури миллӣ — пояи ватандўстӣ

Соли ёздаҳум аст, ки мо дар шароити истиқлол умр ба сар мебарем. Он дигаргуниҳое, ки дар ин муддати кўтоҳи таърихӣ рух дод, мазмунан арзиши даҳсолаҳоро дорост. Натиҷаи ҳамин истиқлол аст, ки дар кишвари офтобрўямон барои рушду камоли маънавию ҷисмонии ҳар як фард новобаста ба миллату халқият шароиту имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Дар моддаи чаҳоруми Конститутсиямон давлат барои инкишофи забону фарҳанги ҳар як миллату халқияти дар ҳудуди ҷумҳурӣ истиқоматкунанда кафолат додааст, ин барои мо намояндагони миллати бостонии ин сарзамин-тоҷикон илҳоми тозаву болу пари қавӣ мебахшад. Нишонаи асосии миллат забон аст. Забони бузургу ғанӣ ва ширини тоҷик дар тўли бисёр асрҳо забони давлатии хонигарию амириҳо буда, метавон гуфт бештар мероси илмию адабӣ ва таърихии кишвари Осиёи Марказӣ бо забони форсӣ-тоҷикӣ иншо шуда то имрўз расида омадааст. Хўш, вазъи имрўзаи омўзиши забони модарӣ, умуман муносибат ба забони тоҷикӣ чӣ навъ аст? Мутаассифона, солҳои охир бо сабаби норасоӣ ва набудани китобҳои дарсии тоҷикӣ теъдоди синфҳо ва мактабҳои тоҷикӣ дар вилояти Намангон кам гардид. Аз ин рў чун узви як занҷири ягона мутаносибан шумораи рўзномахонон низ кам гардидааст. Оқибати он ба ҳамин оварда расонд, ки шўъбаи таълими халқи ноҳияи Косонсой ба ҷои 404 адади нақшаи аз ҷониби ҳокимияти ноҳия пешбинишуда ба рўзномаи «Овози тоҷик» фақат ба 16 нусха обуна карду халос! Ку ғурури милливу миллатдўстӣ, ки хоси маорифчиёни ноҳия буд?! Дар ёд дорем, солҳои пеш ҳангоми роҳбарии нафақахўр Р. Мамадалиев танҳо омўзгорони мактабҳои шаҳри Косонсой зиёда аз 100 нусха ба рўзномаи «Овози тоҷик» обуна мешуданд. Натиҷаи беэътиборӣ ва бепарвоии роҳбарони масъули ноҳияҳои Чусту Поп низ дар ин ноҳияҳо обуна ба рўзномаи Олий Маҷлис ва Девони Вазирон, ки «Овози тоҷик» ҳамин гуна мақомро дорад, ба миқдори зарурӣ ташкил карда нашуд. Натиҷаи ҳамин бепарвоии роҳбарони ноҳияҳои мазкур саҳифаҳои тоҷикии рўзномаҳои ноҳиявии Чусту Поп мунтазам чоп намешаванд. Соли 1986 буд. Дар рўзномаи «Косонсойнома» кор мекардам. Яке аз рўзҳои моҳи сентябр муҳаррири рўзнома, шодравон Ёқубҷон Ҷабборов маро наздаш даъват намуд. Дар хонаи муҳаррир ба ғайри ў боз як шахси хурдҷуссаи мансуб ба миллати корейс нишаста буд. Баъди вохўрӣ муҳаррир ин рафиқ аз шаҳри Чимкент, аз рўзномаи корейсӣ омадаанд. Меҳоҳанд бо намояндаи миллати худашон дар ноҳиямон Александр Ким вохўранд гуфт. Мақсад, А. Ким — деҳқони пиёзкори косонсойиро ба идора овардан лозим. Пас аз ним соат банда бо марди солхўрдаи дар офтоб сўхта ба утоқи муҳаррир ворид шудем. Меҳмон бо А. Ким гарму ҷўшон вохўрӣ рамуд. Дере нагузашта амаки Александр тавассути телефон ба хонаводааш занг зад. Баъди ним соат се писари калонии ў расида омаданд. Аз гуфтугузори онҳо маълум шуд, ки муддаои меҳмон обунаи рўзнома будааст. Ҳамон рўз амаки Александр бо худ 15 нафар фарзандону хешовандонашро ба рўзнома обуна кард. Банда, ки шоҳиди ҳамаи он воқеа будам, аз амаки Алексадр пурсон шудам, ки оё ў ва фарзандонаш бо забони корейсӣ хонда мефаҳманд ва барои як хонавода ҳамин қадар рўзномаи якхела чӣ лозим? Мўйсафед ( он вақт 70- сола буд) андаке табассум карду дар ҷавоб — «На ман, на фарзандонам бо забони модариамон хонда ва навишта метавонем». Тааҷҷуби ман боз афзуд. — Пас чаро ин қадар бисёр обуна шудед?, — боз пурсидам ман. — «Ради поддержки нации сынок», — «барои дастгирии миллат» посух дод мўйсафед. Аз ҳамон вақт ин ҷониб ин гуфтаҳои мўйсафеди оддӣ чун бонги соат зери гўшам садо медиҳанд. Феълан дар байнамон тоҷикеро пайдо кардан маҳол аст, ки бо забони худ хонда натавонад. Шукри худованд, ки қариб ҳамаи тоҷикон бо забони модарӣ мутолиа карда метавонанд. Аммо,таассуф, ки ғурури милливу ҳисси миллатдўстӣ на дар ҳама ташаккул ёфтааст. Аз ин ҷост, ки солҳои охир шахсони забони модарии худро қариб фаромўш карда афзуда истодаанд. Ба ин тоифа ҳисси ифтихору ғурур аз забони хеш, тамаддуну мероси бои фарҳанги ниёгон бегонаанд. Шууру ҳиссиёти ватанпарастӣ ба миллатдўстии онҳо аз ҷаҳонбинии мўйсафеди 70- солаи корейс чандон дараҷа паст аст. Ақидаҳои кўтоҳандешонаи чизу дунёпарастӣ хоси ин тоифаанд.Онҳо ҳатто аз ибораи «газетаро хонда нафаҳмем, чаро обуна шавем» гуфтан ҳам ягон зарра шарм намедоранд. Гуфтаҳои зерини шоири ширинкалому шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ айнан хоси чунин тоифа аст. Заҳр бодо шири модар бар касе, к — ў забони модарӣ гум кардааст! Забон пояи миллат аст. Миллат бошад, бидуни Ватан вуҷуд надорад. Ҳар фарде, ки забони худро эъзоз медорад, эҳтироми забони дигарро низ ба ҷо меорад.Дар ҳамин ҷо ба мақолаи худ нуқта мегузорам. Умед аст, ки рўзномахонони мўҳтарам андешаҳои хешро перомуни мавзўъ баён хоҳанд кард.

**А. НУРИДДИНОВ, мухбири худамон.**

*Шарҳи рӯзнома*

# Нуқтаи гардишӣ

Иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва дар он қабул гардидани Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ» нуқтаи гардишӣ дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии мамлакат, дар бобати баланд бардоштани босамарии идоракунии давлатӣ гардид. Зеро бидуни онҳо боз ҳам устуворӣ, агар гуфтан мумкин бошад, боз ҳам рушд бахшиданро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тасаввур кардан душвор аст. Чунки мамлакати мо сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёдро, ки асосашро иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳад, мақсади асоси худ қарор дода, дар бобати бунёди ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ гомҳои устувор мегузорад.

Боз ҳам устуворӣ пайдо кардани усулиятҳои пешрафт, ба вуҷуд овардани шароиту механизмҳои ҳуқуқӣ дар бобати таъмини волоият доштани қонун, кафолатҳо ба ҳуқуқу озодии инсон, озодкунии тамоми самтҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, минбаъда таҳким бахшидан ва рушди муассисоти ҷамъияти шаҳрвандӣ нақши калон бозида, ба шаҳрвандон имконияти васеъро оиди намоиш додани нерӯ, донишу маҳорат, ҳамаҷониба таҳким ёфтани мақомоти худидораи шаҳрвандонашон фароҳам меоварад. Аз ин нуқтаи назар ба Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии такмили ҳокимияти давлатӣ» (минбаъд дар матн қонуни конститутсионӣ ва ё қонуни мазкур номида мешаваду назар афканем, он дар худ масъалаҳои тағйир додани сохтори Олий Маҷлис, созмон додани палатаи поёнӣ (Қонунбарорӣ), палатаи болой-(Сенат), тағйир додани ваколати Президенти Ӯзбекистонро аз панҷ ба ҳафт сол ва дигар масъалаҳои алоқаманди дигаргунсозиро дар бар гирифтааст. Ва қонуни мазкур, ки аз ҷониби вакилони халқ маъқул дониста, дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ рӯи чопро дид, дар шакли қонунбарорӣ натиҷаҳои раъйпурсиро таҳким бахшида, асоси муҳим барои даровардани тағйиротҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ мебошад.

Пеш аз ҳама дар бораи мӯҳлати интихобот дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон сухан меронем, ки дар моддаи 3-уми Қонуни Конститутсионӣ акси худро ёфтааст. Мувофиқи он интихоботи сарвари давлат, Палатаи қонунбарории Олий Маҷлис ва Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо мувофиқи ба анҷом расидани мӯҳлати конститутсионии ваколати онҳо дар як сана- якшанбеи аввали даҳаи сеюми моҳи декабр гузаронда мешавад. Ва он бесабаб пешбинӣ нагардидааст. Дар бисёр мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ муқтадир мӯҳлати интихобот ба моҳи муайян таъин гардидааст ва мунтазам дар ҳамин мӯҳлат гузаронда мешавад. Аз он ҷумла, дар Амрико мунтазам интихобот моҳи ноябр ба амал меояд. Моҳи декабр дар мамлакатамон беҳуда гузарондани интихобот пешбинӣ нагардидааст. Зеро мо солро ҷамъбаст мекунем, ҳосилро мегундорем ва диламон таскин меёбад ва бе ягон хавотирӣ ба интихобот шурӯъ мекунем.

Баз як нуқтаи муҳими қонуни мазкурро зикр кардан лозим меояд. Дар моддаи 3 таъкид гардидааст, ки агар мӯҳлати интихоботи Президенти Ӯзбекистон ва мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатӣ ба ҳам мувофиқ оянд, дар он сурат мӯҳлати ваколати мақомоти сернамояндаи ҳокимият ба як сол дароз карда мешавад. Яъне ба ҳокимият дар маҳалҳо бартарӣ дода мешавад, ки аҳамияти калон дорад.

Қонуни конститутсионӣ эълон кардааст, ки усулияти асосии такмил додани қонунбарорӣ ин таъмини волоият доштани қонунҳо, мувозанати байни шохаҳои қонунбарорӣ, иҷроияи судии ҳокимият, мустақилии воқеии ҳар кадоми он, таъмини кафолатҳо ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, собитқадамона амалӣ гардондани озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, сохтмони давлативу ҷамъиятӣ, таъмини кафолат ва шароити баробар баҳри минбаъда таҳкиму рушд бахшидани ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ, ҷамъиятӣ ва дигар муассисоти демократии ҷамъияти шаҳрвандӣ, ҳамаҷониба таҳким бахшидани мақомоти худидораи шаҳрвандон ва марҳила ба марҳила вогузоштани як қатор ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақомоти худидораи шаҳрвандон дар маҳалҳо, ба вуҷуд овардан ва пурзӯр гардондани механизми назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз он ҷумла сохторҳои нирӯӣ мебошад.

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни мазкур Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мақомоти олии сернамояндаи давлатии ҷумҳурият буда, ҳокимияти қонунбарориро амалӣ гардонда, аз ду палата-поёнӣ ва болой иборат мегардад. Якӯми Палатаи қонунбарорӣ ва дуюми Сенат номида мешавад. Палатаи қонунбарорӣ аз яксаду бист вакили халқ иборат гардида, аз ҳавзаҳои интихоботӣ дар пойгоҳи серҳизбӣ интихоб мегардад. Сенат бошад, палатаи намояндагии ҳудудӣ буда, аз аъзоёни Сенат (сенаторон) иборат аст. Агар мушахассан гӯем, аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳамаи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд баробар 14-тогӣ сенаторон интихоб карда мешаванд ва 84 ададро ташкил медиҳанд. 16 сенатори боқимондаро бошад, Президент аз ҷумлаи одамони машҳуру обрӯманди соҳаи илм, санъат, адабиёт, истеҳсолот, дигар фаъолони ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ таъин менамояд. Дар он сурат шумораи онҳо ба сад адад баробар мегардад. Кори Сенат асосан ба фаъолияти сенаторон такя мекунад, ки марҳила ба марҳила ба маҷлисҳои нақшавӣ ва кӯмитаҳои (комиссияҳои) Сенат даъват карда мешаванд. Узви Сенат набояд аз бисту панҷ сол кам дошта бошад ва камаш панҷ сол дар Ӯзбекистон муқимӣ истиқомат карданаш шарт аст. Синну соли вакили халқи Палатаи қонунбарорӣ ҳам аз бисту панҷ сол кам нашуда, камаш дар Ӯзбекистон панҷ сол муқимӣ истиқомат карданаш шарт аст. Мӯҳлати ваколати он панҷ сол мебошад. Онҳо дар пойгоҳи доимӣ фаъолият пеш мебаранд ва орзуи чандинсолаи халқамон дар бобати ба вуҷуд овардани парлумони касбӣ ҷомаи амал мепӯшад.

Баробари ин мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳафт сол пешбинӣ гардид. Нуктаҳои мазкур ва дигар масъалаҳоеро, ки дар Қонуни Конститутсионӣ баён гардидаанд, арзёбӣ карда, бе ягон муҳобот гуфтан мумкин аст, ки аз ҷониби вакилони халқ якдилона қабул гардидани он дар бобати ба рӯи об баровардани азму иродаи халқ воситаи муҳим гардида, дуруст будани роҳи интихобкардаи моро, ки таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов ҷомаи амал мепӯшад, бори дигар тасдиқ менамояд.

Яъне дар қонун азму иродаи халқ ва роҳҳои амалӣ гардондани он возеҳу равшан баён гардидаанд.

*Кори неку номи нек*

# Савоби об (Лавҳа)

Ҷавони ҷашмикордон, хушсухану камгап Мӯҳсинҷон одати хубе дорад. Пагоҳ аз коркунони идора, бегоҳ дар хона ҳатман мепурсад, ки шумораҳои нави газетаю журналҳоро оварданд ё не. Дарҳол варақзада аз як сар мехонад, ахбори нави имрӯзаро боз аз телевизор дида, мешунавад. Баъд навигариҳои деҳа, корхона ва соҳаҳои дигарро ба ёдаш оварда дар як ҷои дафтарчаи махсусаш қайд менамояд.

Ман бо Мӯҳсинҷон тез-тез вомехӯрам. Салом-алекамон ширадор аст. Якдигарро муддате набинем, телефон карда, ҳолпурсӣ мекунем. Ӯ бошад баъд аз ҳолпурсӣ манро бо чандин хабарҳо ошно мекунад. Аммо аз корхонаи саҳҳомии «Истиқлол», ки ӯ роҳбарӣ мекунад, кам гап мекушояд. Бо ман-манӣ хуш надорад. Рӯзе хостам, ки гувоҳи хабарҳои нав шавам, ба идорааш рафтам. Ӯро дар кабинеташ наёфтам. Таъминотчии корхона Муртазоака гуфт, ки Мӯҳсинҷон барои ёфтани труба ба кадом як завод рафтааст. Сабабашро пурсон шудам, ҳайрон монду гуфт:

— Э, магар хабар надоред, мухбир ако? Падари бузрукворашон Салимбобо аз сафари ҳаҷ омаданду боз ба як кори хайру савоб камар бастанд. Аз ҳисоби худашон миллион сӯм хароҷот карда, барои мардуми деҳаашон қудуқи артезиан сохтанд. Акнун барои ба хонаҳои одамоне гузаронидани труба ва барои обёрии заминҳои корами онҳо писарашон давутеҷ мекунад. Агар донед, мардуми деҳа чанд сол инҷониб азоби беобиро мекашанд.

— Оббо, Мӯҳсинҷони пинҳонкоре, ҷаро аз ин кори хайр моро огоҳ накарданд.

— Медонед, он кас пеш аз тӯй нағора заданро намехоҳанд. Таърифи кори худ ё падар намекунанд.

Салимбоборо хуб медонам. Он рӯз ӯро дар сари роҳи деҳа дарёфтам. Ӯ аз масҷид аз намози пешин бармегашт. Ҳамроҳ ба ҳавлиаш рафтем. Аз ҷоҳи артезианӣ, ки назди хонааш буд, оби шаффоф шорида ба ҷӯи калон мефуромад. Сӯҳбати мо сари як пиёла ҷой шира баст...

Салимака аз ҷавонӣ барои кори хайр, ривоҷу равнақи хоҷагӣ меҳр дошт. Баъд аз хатми мактаби миёна, дар хоҷагии ҷамоавии «Давлатобод» («Ленинобод») ҳисобчӣ шуда кор кард. Баъд дар институт хонд, маълумоти олӣ гирифт, 43 сол дар хоҷагӣ сарҳисобчӣ ва баъд сарӣқтисодчигӣ кард. Дар ин солҳо 9 маротиба раис дигар шуд. Лекин ҳеҷ кадомаш аз кори Салимака наранҷидааст. Чунки ӯ кори ҳар як деҳқонро ба ҳисоб мегирифт, ба ягон тини хоҷагиро беҳуда харҷ кардан роҳ намедод. Дар кори ҷамоатӣ худаш ибрат мешуд. Ҳашар ташкил мекард. Солҳои пеш аз ҷанг дар маркази боҳавои қишлоқ бо ташаббуси ӯ ҳавзи калоне кофтанд, ки атрофаш дарахтзору гулзор, васеъ буд. Тӯй ва маъракаҳо, иду тантанаҳо дар ҳамин сарҳавз мегузашт. Вақте ки ҷанги дуюми ҷаҳон сар шуд, Салим Тошпӯлодов бо шаш нафар ҷавони ҳамқишлоқаш ба мудофиаи Ватан рафт. Далерӣ, нотарсӣ ва мергании худро дар ҷанг, дар разведка исбот намуд. Панҷ сол ҷангид. Баъд аз рӯзи Ғалаба ба деҳа, назди падару модар сари синааш пур аз ордену медалҳо баргашт. Боз дар хоҷагӣ кори аввалаашро давом дод.

Солҳо паи ҳам гузаштанд. Рӯзи ба нафақа баромадан ҳам расид. Ӯро бо тантана, бо мукофотҳои назаррас ба дамгирӣ гусел карданд. Лекин, чи тавре мегӯянд, дили одаткарда, ӯро аз кору бори аҳли деҳа дур накард. Ба яке маслиҳат медод, ба дигаре кӯмаки амалӣ. Барои кори савоб, ободонии деҳа ба вай вақти холӣ ва имконияти хуб пайдо гашта буд.

Баъд аз баргаштан аз сафари Маккаи Мадина, Салимбобо боз ҳам ғайратманд шуд ва барои кори хайру савоб тамоми молу вуҷудашро сафарбар мекунад. Кайҳо боз мардуми деҳа аз тансиқии оби нӯшокӣ ва обёрии киштзорашон душворӣ мекашиданд. Крану трубаҳо кӯҳна шуда, занг заданд, кафида аз кор баромада буд. Мардум аз Анҳор, канали Дарғам, ки масофааш дур аст, об мекашониданд. Заминҳо аз беобӣ, ҳосил намедод. Одамон ба ивази заҳмати ҳосил ҳатто тухмии коридаашонро гирифта наметавонистанд. Меҳнати бомашаққаташон барбод ерафт.

Салимбобо аз ин ҳол меранҷид. Орзу мекард, ки ин ташвиши онҳоро андаке сабук созад. Аввалҳои соли гузашта аз зиндагӣ зиёд кардаашро як-як ҳисоб карда дид. Нафақааш ҳам бад нест. Боз андаке пулаш намерасад. Маводҳои заруриро дарёфт кардан ҳам кори мушкил. Лекин кори хайрро пеш гир, зар нагир дуо гир гуфтаанд. Чӣ бояд кард! Барака ёбад Президентамон, кори савобро ҳар кас ҳар рӯз бояд иҷро намояд, — гуфта буд. Ин гап сад маъно дорад...

Рӯзи дигар писаронашро наздаш ҷеғ зад ва ин фикру мақсади некашро ба онҳо баён кард. Ин гап ба ҳамаашон маъқул шуд. Мӯҳсинҷон падарро боварӣ кунонд, ки барои кофтани ҷоҳ ва техника, мадад мерасонад. Падар фарзандонро дуо кард. Ҳамсояҳо, тамоми аҳли деҳа, хусусан пирамарду ҷавонон, ки аз ин ташаббус ва кори савоби Салимбобо хеле хурсанд шуданд ва онҳо ҳам ваъдаи қатъӣ доданд, ки барои амалӣ гаштани мақсад ба бобо ҳаматарафа кӯмак мерасонанд. Дил аз дил қувват мегирад. Салимбобо сарфароз гашт. Ҳашар авҷ гирифт. Оҳангари деҳа Шавкат Диёров, монтёр Шодибой Дӯсанов ва якчанд фаъолон сари корро шабу рӯз тарк накарданд. Бобо ба онҳо аз хонаи худ ҷой дод. Бо хӯроки гарм, ҷою нон таъмин кард. Чӣ мегӯед, ки соли гузашта дар арафаи рӯзи иди Қурбон, рӯзи Байналхалқии занон ва иди Наврӯз ид болои ид, хурсандӣ болои хурсандӣ шуд. Аз қудуқи 55 метрӣ ҳар дақиқа 20 литр оби шаффофи нуқраранг рӯи замин баромад. Шодии аҳли деҳа ҳадду канор надошт. Дар иди Наврӯз назди он ҷоҳ деги калони сумалак ҷӯш мезад...

Оилаи Салимбобо боз як дуои мардумро гирифт.

Ана инро кори савоб гӯед, меарзад. Ҳоло зиёда аз 400 хонаводаи деҳаи Каттаравоти хоҷагии ширкатии «Давлатобод»-и ноҳияи Тайлоқ аз оби ҷоҳи артезиании Салимбобо Тошпӯлодов баҳраманданд. Ҳанӯз ғайрати бобои ҳаштоду дусола калон.

— Аз ин дунё наменолам. Даҳ нафар фарзанд, зиёда аз 40 нафар набера, абера дорам. Ҳаётамро барои халқ ба кори савоб бахшидам. Зеро, мустақилӣ барои мо, хусусан барои ман барин пирон бахту тахт дод, — мегӯяд бобои савобҷӯ, — қандаша занад Ислом Каримов, соли ҷорӣро соли мо эълон кард. Аз ин бисёр хурсандем. Ҳоло аз маблағу сармояи худ нияти дар деҳа сохтани ҷойхонаи мӯйсафедонро дорад ӯ.

Салимбобо ҳамеша кори нек мекунаду номи нек мегузорад. Савоби об ӯро мадади тоза мебахшад.

**Абдул Салом МУҲАММАД.**



# Бахшида ба ҷашн

Дар бинои коллеҷи касбу ҳунари саноат, нақлиёт, алоқаи шаҳри Чуст аъзоёни Ҳизби халқи демократии Ӯзбекистон ҷамъ омаданд ва доири даҳсолагии созмон ёфтани ин ҳизби сернамоянда фикру мулоҳизаҳои хешро баён сохтанд. 200 нафар дар гирди дастархони пурнозу неъмат баробари суханони муборакбодӣ аз суруду рақсҳо ва оҳангҳои дилнишин баҳра бардоштанд. Онҳо намояндагони 2343 нафар аъзои Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон аз ноҳияи Чуст буданд. Бояд тазаккур дод, ки аз ноҳияи онҳо аз ҳизби мазкур 1 нафар вакили халқи Олий Маҷлис, 4 нафар вакили халқ ба Кенгаши вилоят ва 11 нафар ба вакили халқи Кенгаши намояндагони халқи ноҳияи Чуст интихоб гардидаанд.

**Дар акс:** котиби аввали Шӯрои ноҳиявии чустии Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон **Н. РАСУЛОВ** собиқадори ҳизбро муборакбод менамояд.

**Матн ва сурати Турғунбек МАҲКАМОВ.**

# Конҳои ангишт меафзояд

Мувофиқи Барномаи давлатии тараққии саноати ангиштканӣ дар солҳои 2001 — 2010 дар ҳудуди ҳавзаи кони ангиштсанги Ангрен, ки 98 фоизи ангишти барои хоҷагии халқ зарурро таъмин мекунад, шумораи конҳое, ки сӯзишвории сахт истихроҷ мекунад, ба як адад афзуд. Кони ангиштсанги «Оппартак», ки дар шафати кони нуҳуми ҳавзаи ангиштсанги Ангрен воқеъ аст, боз ба кор сар кард.

— Ҷамоаамон, ки соли гузашта 215 ҳазор тонна ангишт истихроҷ карда буд, соли равон ин нишондиҳандаро се баробар зиёд карданист. Барои ба сатҳи асосии қабати ангишт расидан 3 миллион метри мукааб хокро кандан лозим, — мегӯяд директори кон Абдиқул Ӯринбоев. Дар ин кон ба ангиштҳосилкунӣ ҳанӯз 50 сол қабл бо усули кушод оғоз карда буданд. Баъд аз тадқиқотҳои пухтаи сейсмологӣ истихроҷи ангиштсанг боз ба роҳ монда шуд. Мувофиқи ҳисобу китобҳо дар ҳавзаи мазкур захираи ангиштсанг зиёда аз 5 миллион тоннаро ташкил медиҳад.

Имрӯзҳо ангиштканон бо воситаҳои техникии зарурӣ таъмин карда шудаанд. Дар ин бобат ба онҳо раёсати «Ангренкӯмиртехтранс», ҷамъияти саҳҳомии «БелАЗкӯмир» ёрӣ мерасонад. Зеро барои истихроҷи як тонна сӯзишворӣ бояд 11 тонна ҷинсҳои кӯҳӣ аз ҷой «беҷо» шаванд.

**Н. ДУШАЕВ, мухбири ӮзА.**

*Давлат ва ҳуқуқ*

# Пайванди замони куҳану айёми навин

Сохтори миллии ҳуқуқии Ӯзбекистон бидуни тазйиқ ва фишор ташаккул меёбад. Заминаи он тамоилҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, комёбиҳои назарраси мамлакатҳои тараққиёфта бо меъёрҳои дар ҳаёт санҷидашуда, мероси гаронмояи маънавии мардуми мост. Албатта, Конститутсияи мо дар ин байн мавқеи муҳимеро касб менамояд. Чуноне ки сарвари давлат И.А.Каримов изҳор дошта буд, «Ҳар давлатро симо, обрӯ ва эътибор Конститутсия аст». Алҳақ, Конститутсия Сарқонунест, ки давлатро ба дунё, миллатро чун миллат муаррифӣ мекунад».

Алалхусус, гуфтаи Раисҷумҳури мамлакатамон «Конститутсия аз мазмуну мундариҷааш сар карда, сароғоз аз мазмуни умумиаш то ҳар моддаи оддиаш тафаккурри миллии аз ҷадди мо Аҳмад Яссавӣ, соҳибқирон Амир Темур ташаккул ёфта, дар худ арзишҳои муқаддаси исломро таҷассум намудааст. Адлпарварӣ, ҳақиқатпарастӣ, боимонӣ, олиҷанобӣ, дарёдилӣ, мардӣ, ки хоси мардуми ин бостонзамин аст, дар ин ҳуҷҷати муборак мунъакисанд» — гӯён хулосаи оқилона додааст.

Агар дар хусуси олимҳое, ки дар осори худ илми ҳуқуқро ривоҷ додаанд, сухан ронем, қабл аз ҳама ёдовар мешавед эҷодиёти Абӯабдуллоҳ Муҳаммад Исмоил Ал-Бухориро ва Ҳадиси Шарифи ӯро ва «Тузукот»-и Амир Темурро. Дар ҳадиси Шарифи Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибн Исмоил Ал-Бухорӣ ҳуқуқ ва масоили ҳуқуқӣ муҷассам гардидаанд. Ба тариқи мисол ҳуқуқро дар мавриди оила бигирем, қоидаҳои ҳадиси Шариф дар Конститутсияи мо ифодаи худро ёфтаанд.

Дар Ҳадиси Шариф оварда шудааст, ки «Одаме аз ҳузури Расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи васалам омада: «Ё Расууллоҳ, ба муомилаи хуб кӣ ҳақдортар аст? — гуфта пурсидааст. Ҷаноби Расулуллоҳ: Модарат!» — гуфтаанд. Ӯ «Боз кӣ? — гӯён бипурсидааст. Ҷаноби Расулуллоҳ «Модарат», гуфтаанд: Ӯ «Боз кӣ? — гӯён пурсон шудааст. Ҷаноби Расулулоҳ ин дафъа «Падарат!» — гӯён посух додаанд.

Агар ба моддаи 64-и Конститутсия муроҷиат кунем, дар он «Падару модарон то ба воя расидани фарзандҳояшон ба хӯрондану пӯшондани онҳо ӯҳдадоранд» гуфта шудааст. Дар яке аз моддаҳои Кодекси дар амалбудаи «Никоҳ ва оила» муайян карада шудааст, ки «Падару модарон бо тарбия кардани фарзандҳояшон, ба ғамхорӣ кардан, ба тайёр кардани онҳо барои меҳнат, ба воя расондани онҳо чун аъзоёни ҳақиқии ҷомеа ӯҳдадор ҳастанд.»

Мулк, алалхусус, мулки хусусӣ дар ҳуқуқи мусалмонӣ ниҳоят хуб ифода ёфтааст. Абӯ Ҳурайра ривоят мекунанд: «Расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи васалам»: «Ман ба мӯъминҳо аз худашон ҳам бештар (ғамхортарам, наздиктарам), яъне мӯъминҳо дар ҳаққи хеш он қадар ғам намехӯранд, чуноне ки ман ғам хӯрдаам)! Ҳар кӣ вафот карда, қарзаш боқӣ монда бошад, баргардондани он ба сари мост ва ҳар кӣ агар мол гузошта бошад, аз они ворисонаш аст!» гуфтаанд. Инчунин дар бораи ворисон: писар, духтар, набераҳо, мероси бобо ва падару модар, бародарон, мероси зану шавҳар ва дигарон инчунин масъалаҳои ҳуқуқии маҳрум кардан аз мерос дар ҷилди чаҳоруми Ҳадиси Шариф возеҳу равшан акс ёфта, онҳо дар қонунҳои ҳуқуқҳои ворисон, ки аз ҷиҳати мазмун ба хислатҳои овардаашон дар Ҳадиси Шариф наздиканд, мукаммал муайян гардидаанд.

Ба Масоили ахлоқи инсон, ҳуқуқ ва эътиқоди он дар таъиноти шариат эътибори хосса дода шудааст. Абӯ Ҳурайра ривояте овардаанд: Расулуллоҳ саллалоҳу алайҳи васалам чунин фармудаанд: ҳангоми истеъмоли шароб аз имон ҷудо бишавӣ, дузд дар айни вақт наметавонад мӯъмин бишавад, чунки дар вақти дуздӣ имонаш биравад, зеро вай одамонро парешону музтариб карда, ҳангоми роҳзаниаш аз имон ҷудо бишавад»...

Мувофиқи шариат дар бобати ҷиноят ва ҷазо ба ҷиноятkор муносиби ҷинояташ муайян кардани ҷазо, аз рӯи мизони адл будани ҷазо талаб карда мешавад. Аз ҷумла, дар боби 24-и «Дар бораи ҳомилаи зан» оварда шудааст: «Ду зан, ки аз қабилаи Ҳузайл будаанд, ба ҳамдигар санг андохта, як нафараш боиси афтодани санги дигаре гардид. Сипас Расулуллоҳ барои товони ҳомила ғуломӣ ё гӯрро ҳукм карданд».

Дар боби VII Конститутсияи Ӯзбекистон, ки «Ҳуқуқи шахс ва озодӣ» Унвон дорад, дар модда 24 чунин зикр ёфтааст: «Ҳуқуқи зистан ҳуқуқи узвии ҳар инсон аст. Сӯиқасд ба ҳаёти инсон вазнинтарин ҷиноят маҳсуб мешавад». Боби аввали қисми махсуси Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон «Ҷиноятҳои зидди шахс» ном дошта, ҷиноятҳои алайҳи ҳаёт, саломатии инсон аз хатарноктарин ҷиноятҳо, инчунин ҷазоҳои ҷиноӣ барои ҷиноятҳое, ки озодии шахс, шаъну шарафи инсон, ба кафолати озодӣ ва ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо равона гардидаанд, муқаррар карда шудаанд.

Муқаддас будани оила, ҳуқуқҳои падару модарон ва фарзандон дар муҳити оила, муносибатҳои онҳо ба моликият пурраву мукаммал ба тартиб оварда шудаанд. Дар Ҳадиси Шариф масъалаҳои никоҳ баён гардидаанд. Масалан, «барои ақди никоҳ дар бораи ризоияти духтар Оиша разияллоҳуанҳо ривоят мекунанд: «Расулуллоҳ саллалоҳу алайҳи васалам: «Аз духтари бокира ризоият мепурсанд,» гуфтаанд. Ман: «Духтари бокира ҳаё дорад,» гуфтам. Ҷаноби Расулуллоҳ «Ризоияти ӯ сукут аст!» гуфтаанд.

Абӯ Ҳурайра ривоят мекунанд «Расулуллоҳ саллалоҳу алайҳи васалам ризоияти духтари бокирaро напурсида, ҷавонзанро бошад, бо вай маслиҳат накарда, ба шавҳар надиҳанд,» гуфтаанд. Дар Конститутсияи Ӯзбекистон ҳам ва дигар қонунҳои мамлакати мо ихтиёрӣ будани никоҳ, бо ризоияти тарафайн сурат гирифтани он ва барobарҳуқуқии духтару ҷавон таин гардидааст.

Ҳуқуқи исломӣ дар замони салтанати Амир Темур ва Темуриён дар Мовароуннаҳр басо ривоҷ ёфт. Амир Темур «Тузукот»-и худ тамоюлҳои давлатдориро дар заминаи шариат устувор кард. Амир Темур ба турку тоҷик, тоифаи арабу аҷам, ки паноҳ ҷуста, ба даргоҳи вай меомаданд, чунин фармудааст: «Амр кардам, ки дар навбати аввал ба саидҳо ва уламое, ки аз ҳамон тоифа ва табақаҳоянд, эҳтиром гузоранд, ҳар хоҳишашонро ба ҷо оранд, ҷойҳои хидматашонро муайян карда, эҳтиёҷоташонро мувофиқи аҳволашон таъмин кунанд. Агар аз аҳли косибон ва ҳунар, маърифат бошанд, ба онҳо аз коргоҳҳои салтанат хизмат фармуда шавад».

Инсондӯстӣ, хайру эҳсон, мурувват ва шафқат чун баробаргузории миллатҳо ва кӯмак кардан ҳангоми мӯҳтоҷӣ, дармондагӣ, бо кор таъмин кардани онҳо, ба тоҷирон барои ба даст овардани сармояашон додани зар аз хазина, ки дар «Тузукот»-и Амир Темур зикр ёфтааст, дар моддаи 18-и Конститутсияи Ӯзбекистон чунин акс ёфтааст: «Ҳамаи фуқароҳо ба ҳуқуқҳо ва озодии якгуна соҳиб буда, қатъи назар аз ҷинс, ирқ, миллат, забон, дин, мавқеи иҷтимоӣ ва мақоми шахсӣ дар назди қонун баробаранд». Дар Қонун «Дар бораи тадбиркорӣ» мустақилии иқтисодӣ ва ҳуқуқии тадбиркорҳо кафолат дода мешавад.

Дар ҳадиси Шариф гуфта шудааст, ки «Ҳар вазире, ки сухани ғайбат гӯяд ба суханҳои бофта бовар кунад, ҷабру зулмро раво бинад, аз паи нест кардани одамҳои ба хештан бегонаву ба назараш зишт афтад, бояд, ки аз вазифа маъзул шавад. Мансаби вазирӣ ба касони зоташ паст, ҳасуд, мутакаббир, сиёҳдил дода нашавад».

Дар ҳақиқат, ин талабҳои пеши вазирҳо, ҳокимон пешгузошта ниҳоят дуруст аст. Шахсҳои мансабдор мебояд, ки ҳимоятгари манфиатҳои халқ, покдил, росткор, одил бошанду мутобиқи принсипҳои қонундорӣ корбарӣ намоянд.

Амир Темур «Барои дар ихтиёри хеш боздоштани салтанат дувоздаҳ нуктаи тузуки худро шиор намуда,ба куллӣ бо мустақилӣ ба тахт нишастам» гуфтаанд, ё ин ки «Соният, султон бояд дар ҳар кор адолатпеша бошад, дар атрофаш вазирҳои баинсоф , одил буданаш лозим, агар подшоҳ зулм кунад, вазири одил бояд чора ёбад. Агар вазир золим бошад, дер ё зуд имороти салтанаташ хароб мешавад, — навиштааст дар «Тузукот».

Дар замони мо ҳам дар мамлакати соҳибистиқлоламон ҳар шахси мансабдор бояд ки аз рӯи адолат кордорӣ намояд. Агар ин қонунҳо сарфи назар гарданд, ба амали ғайриқонунӣ роҳ дода шавад, оқибати он ба хубӣ намеанҷомад. Дар Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон сӯиистеъмол намудан аз ваколати ҳокимият ё мансаб таин гардидани ҷавобгарии ҷиноӣ далели фикри мост.

Дар «Тузукот»-и Амир Темур боз оварда шудааст: «Боз амр кардем: ба бӯҳтони ҳокимони ҳар ҷой, ғаразгӯй, тӯҳматчӣ, баднафс ба аҳолии шаҳрҳои хурду калон ҷарима андохта мешавад. Агар гуноҳи ягон кас то шоҳидии чаҳор тан ба собит нарасад, мувофиқи гуноҳаш ҷарима ситонда шавад... Дар муносибат бо раияти ҳар мамлакат, муомила нисбати онҳо холисона бояд рафтор намуд». Ин масъалаҳо дар Қонунҳои мухталифи Ӯзбекистон ҳам муҷассам ёфтаанд. Дар Кодекси ҷиноӣ барои ҷиноятҳо аз қабили тӯҳмат, таҳқир, ҷавобгарии ҷиноӣ муайян карда шудааст. Оварда шудааст, ки ҷазо ва ҳукми суд нисбати шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, кор фармуда мешавад».

Амир Темур гуфтааст: «...амр кардам, ки ба гадоҳои ҳар мамлакат вазифаву кор диҳанд, то расми гадой аз байн биравад».

Дар Ӯзбекистон ҳам Қонун «Дар бораи бо кор таъмин кардани аҳолӣ» қабул гардидааст ва чунин мазмунро касб намудааст.

Амир Темур барои ҷазо додани вазироне, ки дар қасди афтондани салтанат хиёнат кардаанд, ба шитобкорӣ роҳ надодан ва айби онҳоро тафтиш карданро талаб кардааст. Мувофиқи моддаи 26-и Конститутсияи Ӯзбекистон талаби «то кори ҳар шахси айбдоршаванда ба таври қонунӣ дар суд ошкоро дида нашаваду гуноҳаш собит нашавад, ӯ айбдор намешавад. Ба шахси айбдоршаванда барои ҳимоя кардани худ ҳамаи шароит муҳайё карда мешавад...»

Дар «Тузукот»-и Амир Темур оварда шудааст: «калтак, арғамчин кор фармуда, корро то ба зададу дашномдиҳӣ нарасонанд».

Дар Конститутсияи Ӯзбекистон ҳам дар моддаи 26 қисми 2-и он муайян карда шудааст, ки азобу шиканҷа додани ҳеҷ кас, зӯроварӣ, бешафқатӣ, ё ин кӣ ба дигар фишору тазйиқе, ки шаъну иззати инсонро паст мезанад, роҳ додан мумкин нест».

Дар саҳифаи 58-и «Тузукот»-и Амир Темур чунин гуфта шудааст: «Амр кардам, ки дар ҳар шаҳр масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо (ҷойҳое, ки дарвешҳо, қаландарҳо, инчунин ғарибу мискинҳо зиндагӣ мекунанд), ғарибхона, дар сари роҳ барои мусофирон работҳо, кӯпрукҳо дар болои дарёҳо сохта шаванд».

Аз ин маълум мешавад, ки Амир Темур барои иморати биноҳои зарурӣ аҳамият дода, раиятпарварӣ кардааст.

Дар Ӯзбекистони соҳибистиқлоли мо ҳам ба бунёди меҳмонхонаҳо, Хонаҳои меҳрубонӣ ва ғайра аҳамият дода мешавад. Бунёди иморатҳои мӯҳташам, бозорҳо бо услуби шарқона, масканҳои таълиму тарбия сурат мегиранд. Ҳамаи ин корҳо, инчунин, заминаи ҳуқуқӣ дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол бо такя бо замони гузашта, ба амалу савобу неки аҷдодон, таҷрибаи дар тӯли қарнҳо андӯхтаи мо ба субут мерасанд.

**Азиз ЮНУСЗОДА, ҳуқуқшиноси шоистаи Ӯзбекистон.**

# Талабот зиёд мешавад

Нахи дар заводи пахтатозакунии Ангор истеҳсолмешуда аз рӯи сифату самти содиротиаш дар ҷумҳурият ҷои дуюмро ишғол мекунад. 95-97 фоизи маҳсулоти корхонаро, ки 25 тонна пахтаро аз нав кор мекунад, Куриёи Ҷанубӣ, Индонезия, Швейтсария, Итолиё, Бритониёи Кабир барин мамлакатҳо мехаранд.

Ҷамоаи корхона, ки аз навъи якуми пахта 34-35 фоизӣ нах мегирад, ба сифати маҳсулот эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ин ба туфайли васл кардани таҷҳизоти замонавӣ, созмон додани шароити мусоиди меҳнат барои коргарону хизматчиён, баланд бардоштани музди меҳнат, инчунин ҳаққи саҳмияҳо ба даст омад.

Агар як қисми тухмӣ ба заводи равғани Деҳнав фиристода шавад, қисми дигарашро ба ноҳияҳои Ангор, Кизирик, Шеробод, Чаркӯрғон ирсол мекунанд. Дар ин ҷо инчунин суфи хом истеҳсол мекунанд. Нахи тайёрро ба вай печонда ба тамоми заводҳои пахтатозакунии вилоят мефиристонанд. Коргарони заводи пахтатозакунии Ангор то мавсими оянда 2 миллиард сӯм даромад ва 35 миллион сӯм фоида ба даст овардаанд.

**Ҷ. ТӮХТАЕВ, мухбири ӮзА.**



# Устодону шогирдон тақдир шуданд

***Барои шогирдони чандин мактаби пойтахт ва вилояти Тошканд мусобиқаи созмондодаи Сафоратхонаи Ҷумҳурии Мисри Араб воқеаи фаромӯшнопазир гардид.***

Дар Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ барпо шудани маросими тақдимоти мукофотҳо барои устодон ва шогирдони ин мактабҳо ҳусни хотимаи ин мусобиқа гардид.

Дар толор шогирдони ҳамаи ин мактабҳо ва дипломатҳои кишварҳои арабӣ, инчунин фаъолони Ҷамъияти дӯстии Ӯзбекистон — Миср ҷамъ омада буданд. Дар суханронии худ сафири Миср Ҷамил Фойид, мушовири сафоратхона Раъфат Ассабъа, раиси Ҷамъияти дӯстии Ӯзбекистон — Миср Неъматулло Иброҳимов аз бобати муфид ва ҷолиб будани чунин мусобиқа ва барои бештар шинохтани кишварҳои ҳамдигар мусоидат намудаанашро таъкид намуданд.

Барои аҳли нишаст дар иҷрои устодони санъат ва гурӯҳҳои бачагонаи ҳунарӣ консерти ҷолиб намоиш дода шуд.

**Хабарнигори мо.**



«Умид ниҳоллари – 2002»

# Ҳарорати машъала ба дилҳо кӯчид

Дар мамлакатамон ба рушди варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ баъди ба даст омадани истиқлолият диққату эътибор калон гардид. Аз Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо низ минбаъда инкишоф додани варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ мавқеи калонро ишғол намудааст. Мувофиқи он се давраи низоми варзишии оммавӣ таҳия гардида, аз соли 2000 ба амалӣ гардондани он шурӯъ намуданд. Ва он се давраи иборат аз мусобиқаҳо таҳти унвонҳои «Умид ниҳоллари» барои мактабхонон, «Баркамол авлод» дар байни муҳассили коллеҷҳои касбу ҳунар ва литсейҳои академӣ, «Универсиада» дар байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ мебошанд.

Ва имрӯз дар шаҳри Фарғона бори аввал мусобиқаҳо таҳти унвони «Умид ниҳоллари» ба амал меояд, ки бешак дар бобати оммавӣ гардидани варзиш дар байни мактабхонон нақши калоне хоҳад бозид. Дар он мактабхононе иштирок мекунанд, ки дар марҳилаҳои мактаб, ноҳия, вилоят ғолибӣ кардаанд. Дар он 14 тим аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо, аз шаҳри Тошканд иштирок мекунад. Мувофиқи низом 1918 мактабхон аз рӯи 11 намуди варзиш барои ба даст овардани ғолибият қувваозмой менамояд. Яъне дар марҳилаи финалии мусобиқаҳо аз ҳар як вилоят 137 нафарӣ варзишгар, 16 мураббӣ ва ҳакам, ҷамъ 2366 нафар иштирок мекунанд. Ҳамчунин қариб сад нафар паёмнигор ва беш аз 60 нафар корманди масъул иштирокдорон ва назоратчиёни бевоситаи ин мусобиқаҳо мегарданд. 40 нафар ҳакам дар мусобиқаҳо иштирок мекунанд, ки аз тарафи Кумитаи давлатӣ оид ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ тасдиқ гардидаанд.

Машъалае, ки дар мусобиқаҳои «Баркамол авлод» аз Маркази илмиву истеҳсолии «Физика-қуёш»-и ноҳияи Паркент даргиронда шуда буд, дар хотири ҳамагон аст. Ин анъана давом кард. Машъала 21 апрел дар ноҳияи Паркент даргиронда шуда, роҳи Фарғонаро пеш гирифт ва имрӯз ҳарорати машъала бешак аз қалбҳои варзишгарони ҷавон кӯчида, онҳоро барои ба даст овардани комёбиҳои нав ба нав рӯҳбаланд мегардонад.

Як-ду сухан дар бораи тайёрии маҷмӯву иншоотҳои варзишии Фарғона ба мусобиқаҳо. Бояд тазаккур дод, ки маросимҳои мутантану пӯшидашавии мусобиқаҳо дар Варзишгоҳи марказии «Нефтчи»-и Фарғона ба амал меоянд. Дар ин ҷо корҳои зиёди бунёдкорӣ ба иҷро расонда шуданд. Маҷмӯи ҳавзи шиноварии «Делфин», маҷмӯи тенниси «Истиқлол», варзишгоҳи «Фарғона», иншоотҳои варзишии ноҳияи Киргулӣ, варзишгоҳҳои Донишкадаи политехникии Фарғона, коллеҷи андоз аз тармим бароmадаанд. Барои амалӣ гардондани бунёдкориҳо ва таҷдид беш аз 357 миллион сӯм харҷ гардид. Дар айни замон асбобу ускунаҳои замонавии варзишӣ оварда, барои мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ гузаронидани мусобиқаҳо кулли шароит фароҳам омад.

Мусобиқаҳо то 30 апрел шуда мегузаранд. Дар он натиҷаҳои нав ба нав ба даст омада, боэътимод намоиш хоҳад дод, ки Ӯзбекистон бо роҳи интихобкардаи худ дилпурона пеш рафта, баробари дигар соҳаҳо дар варзиши байни мактабхонон ҳам ба дастовардҳои калон муваффақ мегардад. Дар оянда аз байни талабагон-варзишгарон ситораҳои рахшони варзиш ба камол расида, онҳо китоби таърихи ватанамонро бо саҳифаҳои нав ба нави фаромӯшнопазир ғанӣ хоҳанд кард.

**Т. МАҲКАМОВ.**

Дар мусобиқаҳои «Умид ниҳоллари» дастпарварони мактаби рақами шашуми бачагон ва наврасони ба тенниси рӯи миз тахассусонидашудаи «Захираҳои олимпӣ»-и шаҳри Чуст низ иштирок мекунанд. Онҳо ба ин мусобиқаҳо тайёрии хуб диданд.

**Дар сурат:** як гурӯҳ дастпарварони мактаби мазкур — иштирокдорони мусобиқаҳои «Умид ниҳоллари» **Нозима ҒИЁСОВА, Саида ҚОДИРОВА, Иброҳим ХОЛДОРОВ** ва **Шерзод ШАРИПОВ**ҳо.

**Аксбардор: Анвар МУРОДОВ.**

# Турфа олам

## Намоишгоҳи бузург

Дар намоишгоҳи байналхалқии ихтироъгарон, ки дар Женева ҳар сол сурат мегирад, имсол натиҷаи рекордӣ қайд гардид. Дар он аз 33 мамлакат 640 намоянда бо нигораҳои худ иштирок намуд. Шояд фикр кунед, ки дар асри атому электроника боз чизе мондааст ихтироъ нашуда?

Агар ашёи ба намоиш гузоштаро муоина кунед, ин хаёл мисли абри баҳор нопадид мегардад. Ихтироъҳо чунон беш буданд, ки дар ҳисоб ба иштибоҳ роҳ медиҳед. Масалан, итолиёвиҳо дамкрати автоматиеро офаридаанд, ки аз масофаи дур идора карда мешавад, чиниён брезентеро намоиш доданд, ки худаш ғуну тах мегардад. Аз он асбобу ускуна ва ҳар гуна ашёҳо барои аз борон ҳифз намудан ба сифати чодир истифода бурдан мумкин аст.

Инглисҳо бошанд, барои доштани пашшаву анкабутҳо қапқон сохтаанд. Муҳандисони швейтсарӣ асбоби ҳароратсанҷеро ба намоиш гузоштаанд, ки даври ҳомиладории занонро муайян мекунад.

## Воситаи нави наҷотдиҳӣ

Баъди 15 соли кӯшишу ғайрат сокини шаҳри Дурбани Африқои Ҷанубӣ Майкл Мауделӣ воситаи нави наҷотдиҳӣ офарид. Вай бар он аст, ки воситаи ӯ барои шиноварони баҳру дарёҳо ба кор меояд. Аксарият ҳангоми оббозӣ бо баллон, ё меши дамдода вориди баҳру дарёҳо мегарданд. Дастгоҳи Мауделӣ хеле кӯчак буда, онро ба даст мисли соат мебанданд, ки ба шинокунӣ халал намерасонад.

Ҳангоми зарурат пайдо шудан калиди баллони кӯчакро тоб диҳанд, кифоя. Соат дар як дам ба болишти дамдода табдил мeёбад. Болишти мазкур одамони гуногунвазнро дар сатҳи об дошта метавонад.

Ихтироъгар мегӯяд, ки боре бо ҳамсараш дар баҳр оббозӣ мекарду баногоҳ маҷрои тез ӯро бо худ бурд. — Ба ҳалокат дақиқаҳои башумур монда буд, ки калиди баллонро тоб додам, — мегӯяд Мауделӣ. — Мо аввал ба мақсади пиёда кардани нақшаи хеш хона ва ашёи худро ба гарав мондем. Дертар корамон пеш рафт. Пул низ ёфт шуд. Вале барои ман ҷони худро дар амон нигоҳ доштани инсонҳо мукофоти баланд аст.

## Муҳаррики муқтадир

Ҳеҷ кас дар гӯшаи хотираш намеоварад, ки деҳқони қаторӣ тани танҳо муҳаррики бузурги бодӣ месозад. Вале сокини ҷазираи Сан Висенте — Вериссиму Мелесиу аз ӯҳдаи сохтани он баромад. Аввал ҳамсояҳо аз болои вай хандиданд, ки «Наҷҷорӣ нест кори ҳар маймун». Ҳоло аз муҳаррике, ки қувваи барқ медиҳаду об мекашад ва барои молҳо ем тайёр мекунад, онҳо низ истифода мебаранд.

Дар васли он ҳама иштирок карданд. Зеро муҳаррик 5 тонна вазн дошта, парракҳояш 11 метрро ташкил медоданд. Дигар ҳама механизмҳоро Вериссиму худ ҷамъ овардааст.

— Муҳаррики мо,—мегӯяд ихтироъгар,—аз пораҳои маъданҳо фароҳам омадааст. Масалан, редуктори он аз киштии партови моҳидорон гирифта шудааст. Дар ҷамъ овардани механизмҳо 75 рӯзам сарф шуд.

## Пешгӯӣ

Аз воситаҳое, ки ҷараёни таъсири дигар сайёраҳоро дар кайҳон бар замин таҳқиқ мекунанд, асбобе бо номи индиктион вуҷуд дорад. Роҳиби юнонӣ Дионисии Малий дар садаи VI аҳди мо бо ёрии он соли мавлуди Исои Масеҳро муайян карда буд.

Моҳ дар зарфи 19 сол, Хуршед дар бадали 28 сол дар мадори худ давр мезананд, ки ин даврзанӣ бо номи «Даври Моҳ» ва «Даври Офтоб» машҳур аст. Яъне 19-ро ба 28 зарб занем, 532 ҳосил мегардад. Яъне мудовимати даври Моҳу Хуршед ҷамъ 532 солро ташкил медиҳад. Вобаста ба гардиши онҳо рӯзу моҳ ва ҳодисот низ такрор мeёбад.

Мутахассисон дар солномаи қадимаи рус ба хабаре рӯ ба рӯ шуданд. Дар солнома чунин иншо гардида буд: «Соли 1445 дар замони княз Василий Темний замини Маскав ҷунбид». Ба ин сана олимон рақами 532-ро зам карданд, ки соли 1997 ҳосил гардид. Воқеан, худи ҳамон сол дар Маскав такроран замин сахт ҷунбид. Агар ба санаи 1977 рақами 532-ро ҳамроҳ кунем, 2509 ба миён меояд.

Бино ба тахмини олимон, аз рӯи солшумории қадим, дар Маскав заминҷунбии навбатӣ бояд соли 2509 ба вуқӯъ пайвандад.

## Хосиятҳои аспирин

Аспирин доруи кайҳо боз ба ҳама маълуму машҳур буда, одатан бар зидди шамолхӯрӣ ва ҳамчун воситаи рафъкунандаи дардҳо кор фармуда мешавад. Рост аст, ки солҳои охир дар баъзе мамлакатҳо бинобар таъсири иловагӣ расонданаш ба пардаи луобии меъда аз истифодаи он даст кашида истодаанд.

Охири солҳои хаштодум ва аввали солҳои навадум олимони Британиёи Кабир ва Амрико хусусияти нави аспиринро кашф карданд. Яъне онҳо исбот карданд ва маълум намуданд, ки аспирин хунро суюқтар мекардааст, ки он барои пешгирӣ кардани суддаи (тромби) рагҳои дил, пешгирӣ кардани хурӯҷи ихтилоҷи рагҳои дили шахсони касали дил муҳим аст. Вале ба касе бовар накарда, бо ҳамин ба сари ин масъала баргашта буданд.

Дар бадали солҳои зиёд санҷиш идома дода шуд ва ниҳоят натиҷаҳои санҷиши тӯлонӣ дар бобати ҳар рӯз қабул кардани як ҳаби аспирин ба сифати воситаи пешгирикунандаи дарди дардмандоне, ки хурӯҷи дил шудаанд, нишон доданд, ки ин ба меъда ягон зараре нарасондааст, балки хавфи дубора хурӯҷ кардани маризии дил ва сактаи дилро ду баробар кам кардааст.

## Мурғбони бемаош ва ё бириинҷи калонтарини ҷаҳон

Эҳтимол ин дар дунё роботи нодиртарин бошад. Он дар давоми як соат чор ҳазор чӯҷаро ҳисоб мекунад, ба онҳо сӯзандору мезанад, нӯги минқорашро мебурад, ба мурғон дору мепошад, боз корҳои дигарро ба ҷо меоварад. Нӯги минқори чӯҷаҳоро ба он мақсад мебурад, то ки ҳангоми дар қафас зистан ҳамдигарро захмин накунанд. Назар ба маълумоти Маркази илмиву техникии Фаронса ба туфайли ин робот талафи чӯҷаҳо хеле кам шуд ва акнун яке аз ширкатҳои мамлакат ба истеҳсоли оммавии «ин дастёри беминнат» шурӯъ кардааст.

Мутахассисони Чопон бошанд, намуди нави шолиро «ихтироъ» намуданд, ки бириинҷи он назар ба бириинҷи муқаррарӣ се маротиба калонтару вазнин аст. Ба иборае, баробари чормағзи заминӣ аст, вале мазза надорад. Аз ин рӯ, ҳоло онро ба чорво медиҳанд.

## «Луғати» тӯтӣ

Аҳли оилаи Бондар аз Ровно луғати муфассали суханони тӯтиро тартиб додаанд. Ин кор зоҳиран, барои худи парранда ҳам шавқовар аст. Тӯтӣ баробари дафтару қаламро ба даст гирифтани соҳибхонаҳо ба овози хиррӣ мегӯяд: «Навис». Тӯтӣ бори аввал дар ҳаштмоҳагиаш ҳарф зада буд. Ҳоло хазинаи луғавии вай дорои 800 калима мебошад. Ба Антонина Романовна духтару шавҳараш барои дар дафтари махсус қайд кардани суханони тӯтӣ кӯмак мерасонанд. Тӯтӣ соҳибашро дарди сар намекунад. Аммо суханони ӯ боиси хурсандии аҳли оилаи Бондарҳо гардидааст.



# Масканҳои замонавии табобатӣ

Дар вилояти Фарғона барои сохтани муассисаҳои замонавии тиббӣ диққату эътибор калон аст. Дар солҳои истиқлолият дар вилоят бисёр муассисаҳои замонавии тиббӣ баробари шаҳрҳои калон дар марказҳои ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо қад кашиданд. Минҷумла сохта, ба истифода супурдани пунктҳои духтурии деҳот шакли оммавиро пайдо мекунад.

Ба қарибӣ дар деҳаи «Файзобод»-и ноҳияи Олтиариқ пункти духтурии деҳот дари худро боз намуд, ки бо кӯмаки ҳокимияти ноҳия сохта шуд. Муассисаи мазкур бо асбобу ускунаи замонавии тиббӣ ва кадрҳои баландмалака таъмин гардидаасту имкониятҳои калонро дар бобати назорат кардану барқарор кардани саломатии мардум фароҳам овардааст.

— Дар деҳаҳои «Янгиқӯрғон», «Олтиариқ», «Полосон», «Азимобод» ҳамин қабил пунктҳои духтурии тиббӣ ташкил гардидаанд,— мегӯяд сардухтури шӯъбаи нигаҳдории тандурустии ҳокимияти ноҳия Тӯйчибой Саримсоқов.— То охири сол боз чор пункти духтурии деҳотро ба истифода месупорем.

**Дар сурат:** лаҳзае аз кори доруxонаи пункти духтурии деҳоти деҳаи «Файзобод».

**Матн ва сурати Шӯҳрат ОЛИМОВ (ЎзА).**

# Зодрӯз муборак!



*Моҳира Кабировай меҳрубону азиз!*

*Дар фасли аз ҳама зебо — баҳор зодрӯз қайд кардан ба кас кайфияти тамоман дигар мебахшад. Чунки пеш аз ҳама дастагулҳои баҳорӣ ҳамчун рамзи меҳру муҳаббат, садоқат ва зебогиву нафосат пешкаш карда мешавад.*

*Ва дар ин айёми пурфайзу тароват, Моҳираи азиз, баҳори 22-уми умри худро истиқбол мегирӣ ва ҳамагон аз комёбиву дастовардҳои ту дар кору бор ва зиндагонӣ шодмонӣ мекунанд. Зеро корманди корозмуд ва шинохтаи шабакаи барқии шаҳри Чирчиқ мебошӣ ва ёвару кӯмакрасони хурду калон гардидай ва аз қалби одамон бо меҳнати ҳалол, дидадарой маъво пайдо кардай ва то ҳамеша ҳамин тавр мондаатро аз Офаридгор мепурсем.*

*Дар ин рӯзҳои шодмонӣ аз Офаридгор барои ту тани сиҳҳат, хотири ҷамъ, комёбӣ ва хонаободиро мепурсем. Чун Саъдӣ умри тӯлонӣ бин, чун Ҳофиз шод бошу рӯи камиро набин, чун Сино дар дилу дидаи мардум ҷойгир, чун Ҷомӣ оқилу фархундаи замон бошӣ.*

**Бо камоли эҳтиром Қурбон аз Чирчиқшаҳр.**

# Мусобиқоти навбатӣ

Дар майдони сабзи фурудгоҳи клуби авиатсионӣ-техникии Андиҷон чемпионати навбатии Ӯзбекистон аз рӯи варзиши моделсозии ракетӣ, ки онро Шӯрои марказии «Ватанпарвар» ташкил карда буд, шуда гузашт.

Чӣ тавре, ки мураббии давлатӣ аз рӯи варзиши моделсозии ҷумҳурият Алишер Усмонов нақл мекунад, бори сеюм аст, ки дар арафаи солгарди парвози Ю.Гагарин ба амал омада дар он ҷавонони то 18 сола байни худ мусобиқа мекунанд. Ин дафъа ба Андиҷон ҷамоаҳои яккачини 7 вилоят ва пойтахт, инчунин 2 ҷамоаи тобеи муассисаҳо ҷамъ омаданд. Ҳакамҳо бо сардории Н.Ҳакимзянов ғолибонро аз рӯи 7 конструксияи гуногуни моделии ракетӣ аз ҷумла бо парашют, лента, нусхаҳои моделҳо, ракетаплану ротошют муайян карданд. Аз рӯи ҳисоби умумикомандавӣ ҷамоаҳои яккачини вилояти Тошканд (сармураббӣ А. Аблаев), шаҳри Тошканд (А. Ҳоҷибоев) ва вилояти Самарқанд (Ф.Боқиев) ғолиб баромаданд. Дар мусобиқоти шахсӣ Т. Баротов ва А. Тоҷибоев аз вилояти Тошканд, С.Чирич ва Т. Қодиров, аз вилояти Самарқанд, намояндаи шаҳри Тошканд Ҳ. Кӯчқоров, бародарон Александр ва Антон Беловаловҳо (аэроклуби Андиҷон) соҳиби номи чемпионӣ гаштанд. Мактабиёни чустӣ хоҳарон Лайло (10 сола) ва Барно Зайниддиноваҳо (12 сола) ҳамчун моделсозони ҷавон тақдир карда шуданд. Аз рӯи натиҷаи баромади ҷавонон дар чемпионат ба онҳо нормативи разряди якум, номзад ба устодии варзиш дода шуда дар айни вақт ҳамчун довталаби курсантӣ бо мактаби байналхалқии аэрокосмикии ҷавонон интихоб карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд таклифномаҳо барои иштирок ба ҷойҳо фиристода шуда бошанд ҳам яккатор вилоятҳо намояндагони худро ба мусобиқаҳо нафиристоданд. Ба ин шӯъбаи вилоятии «Ватанпарвар» ҳаракати ҷавонон — «Камолот»-и вилояти Бухоро мисол шуда метавонад.

**Ш. ЗАЙНИДДИНОВ.**

## Футбол

# Қадами қатъӣ

Дарҳақиқат ҷамоаи «Пахтакор» дар роҳи соҳиб гаштани номи чемпиони мамлакат дар мавсими ҷорӣ қадами қатъӣ мегузорад. Инро аз талошҳои аввалини ҷамоа дар мавсим мушоҳида намудан мумкин буд. Пахтакорчиён баъди муваффақият бар тими «Трактор» тамоми вохӯриҳоро дар савияи баланд гузаронда соҳиби холҳои зарурӣ мегардад. Дар айни вақт мутаносибии тӯбҳо низ ба фоидаи «Пахтакор» аст.

Бурдҳои паси ҳам худ ба худ ба даст намеояд, албатта. Машқҳои пешазмавсимӣ, вохӯриҳои рафиқона ва ниҳоят чашмикордонии мураббӣ В.Чалилов мебошад, ки «Пахтакор» ҳам дар сафар ва ҳам дар майдони худ бо бозиҳои хубаш мухлисонро мамнун сохта меояд. Ба фикри мо боиси асосии пешравӣ ба ҷамоа ҷалб гаштани бозингарони ҷавони болаёқат аст. Мураббӣ дар ҳар як талош бозингарони нав ба ҷамоа даъватшударо дар майдон месанҷад. Ҳарчанд онҳо рӯзҳои тайёрӣ ба мавсим якҷоя бо бозингарони ботаҷриба ҳамчун Шатских, Қутибоев маҳорати худро сайқал дода бошанд ҳам, мураббӣ ҳар яки онҳоро бори дигар ба таври эҳтиётӣ дар рафти мусобиқаҳо имтиҳон мекунад.

Ин ақидаро мо дар вохӯрии навбатии «Пахтакор» бо ҷамоаи «Қизилқум», ки вай низ яке аз довталабони номи чемпионӣ мебошад, мушоҳида кардем. Вохӯрӣ дар ҳама таассуроти хуб гузошт. Соҳибони майдон бемуболиға соҳиби бозӣ ҳам буданд. Меҳмонон ҳам, ки аз ҷиҳати тӯбронӣ алҳол аз сафи беҳтарин ҷамоаҳо ҷой гирифта бошанд ҳам, ба ҳуҷумҳои пасиҳами пахтакорчиён тоб оварда натавонистанд. Гуфтан мумкин аст, ки то охири бозӣ болодастии ҷамоаи «Пахтакор» намоён буд. Бояд эътироф кард, ки тими «Қизилқум» низ кӯшиши зиёде дод, ки дарвозаи соҳибони майдонро ба нишон гирад. Вале мустаҳкамии хатти ҳимояи пахтакорчиён ба ин имконият надод. Ҳуҷумҳои меҳмонон дар нимаи майдон ё дар наздикиҳои майдончаи ҷаримавии «Пахтакор» барбод рафтанд.

Вохӯрӣ дар зери борони сахт идома ёфта бошад ҳам, мухлисони футбол майдони бозиро тарк накарданд. Талоши хуби тарафайн ва ниҳоят ғалабаи навбатии соҳибони майдон мукофоти сабру тоқати мухлисони ҷамоа мебошад. Аз тӯбронии «Пахтакор» ва ниҳоят аз вохӯрӣ то вохӯрӣ сайқал ёфтани маҳорати аъзоёни ҷамоа маълум мегардад, ки «Пахтакор» барои фатҳи қуллаи баланд қарори қатъӣ дорад ва дар ин роҳ аз рӯзҳои аввал қадами қатъӣ мегузорад. Баъди мушоҳидаи талошҳои ҷамоа дар сафар дар майдони худ ба ҷомаи амал пӯшидани орзуи пахтакорчиён ва мухлисони вай боварии кас меояд. Ин боварӣро бошад мусобиқоти дирӯза, ки «Пахтакор» яке аз рақибони асосии худ дар ин роҳ — ҷамоаи «Қизилқум»-ро ба ҳисоби 4:0 мағлуб сохтанаш боз ҳам мустаҳкам мегардад. Мо дар ин роҳ ба ҷамоа бурдбориҳои калон таманно дорем.

**О. ТОҲИР.**

# Андоз – такягоҳи буҷа

Дар мамлакатамон ба рушди сектори хусусӣ, роҳи васеъ кушода шудааст, барои тараққии ин соҳа пойгоҳи мустаҳками ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Таассуфовар аст, ки сарфи назар аз ин баъзе шаҳрвандони ин соҳа ҳоло ҳам кӯшиш мекунанд, ки даромадашонро аз андозситонӣ пинҳон кунанд, — мегӯяд дар суҳбат бо хабарнигори ЎзА.

— Аз ҷумла, сарнозири департаменти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи андози назди Прокуратураи генералии ҷумҳурият Азамат Эргашев, — ошкор шуд, ки роҳбарони фирмаи хусусии «Бадис» аз ноҳияи Шайхонтоҳури пойтахт бо роҳи ҳисоботдиҳии нодуруст барқасд 503 миллион сӯмина молро аз андоз пинҳон карданд. Акнун роҳбарони фирма дар назди қонун ҷавоб медиҳанд.

Ба туфайли саъю кӯшиши кормандони департамент дар семоҳаи аввали соли равон гиреҳи бисёр қонуншиканиҳо кушода шуд ва қариб 3 миллиард сӯм ба буҷаи давлат баргардонда шуд. Дар натиҷаи дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан карда шудани фаъолияти департамент, ҷорӣ карда шудани «телефонҳои боварӣ», гузарондани тадбирҳои пешгирикунӣ андоздиҳандагон ба буҷа ихтиёрӣ худ қариб 1,5 миллиард сӯм супурданд. **(ЎзА).**

# Саъдихон Солиев



Дили яке аз собиқадорони рӯзнома, собиқ мухбири рӯзномаамон дар вилояти Самарқанд Саъдихон Солиев аз задан монд. Аз ҳаёт шахсе чашм пӯшид, ки тамоми ҳастиашро барои пешрафти рӯзномаи дӯстдоштааш «Овози тоҷик», хонову шавқовар шудани он дар байни муштариёни самарқандӣ, афзун гардондани теъдоди ҳаводорони он бахшидааст.

Саъдихон Солиев дар ҷабҳаҳои мухталиф бо камоли кордонӣ хизмат кардааст. Вақте ки мо ба роҳи паймудаи ӯ ба чашми хирад менигарем, дар пеши назар симои марде падид меояд, ки душвориҳоро мардонавор бартараф сохтааст, роҳ ба сӯи қуллаҳои баландро гирифтааст.

Марде, ки фаъолияти меҳнатиаш дар рӯзнома аз шогирдӣ оғоз ёфтааст, минбаъд ба дараҷаҳои мухбир, мухбири калон, мудири шӯъба, ҷонишини сармуҳаррир расидааст. Дар даври кор барои боз ҳам устувор кардани мақоми рӯзнома, дар байни мардум боз ҳам пурзӯр намудани таъсири он хизматҳои шоиста намудааст.

Умри одамӣ ҷовид нест. Дар 74-солагиаш марги бешафқат ин марди кордида, корозмуда, фарзанди содиқи халқро аз қайди ҳаёт рабуд. Аммо марг наметавонад ӯро аз лавҳи хотирҳо бирабояд. Он шарораҳое, ки аз рӯзгори ӯ ба дилҳои аҳли қалам, ҳаводорони рӯзнома гузаштаанд, як умр хомӯш намегарданд.

Саъдихон Солиев бо корҳои хайри худ дар замири мо тамоми коркунон, ҳамаи хонандагони рӯзнома, як умр боқӣ мемонад.

**Аҳли қалами «Овози тоҷик».**

# «Ситора» дар Қаршӣ



Чанде пеш дар корти тенниси шаҳри Қаршӣ иттиҳодияи гастролии «Ӯзбекнаво» консерти гурӯҳи «Ситора»-ро ташкил намуд. Ситорагони санъат қариб чаҳор соат дар назди мардум ҳунарнамой намуданд. Дар вақти танаффус мо бо Фирӯза, Лайло ва Комила сӯҳбат намудем:

**— Даставвал, дар бораи созмон додани гурӯҳи «Ситора» чанд сухан мегуфтед.**

Фирӯза: — Мо се нафар дугона, ҳамсинф, ҳамкурс ва ҳамкор ҳастем. Орзуи созмон додани гурӯҳи эстрадӣ бошад, вақте ки дар синфи панҷум мехондем, пайдо шуда буд. Соли 1998 гурӯҳи «Ситора» фаъолияташро сар кард.

**— Дар атрофи ном ва чӣ маъно доштани гурӯҳи «Ситора» фикрҳои мухталиф мавҷуд. Яке «Ситора» мегӯяд, лекин дар лавҳа ва афишаҳо «Сетора» навишта шудааст. Кадоми он дуруст?**

Фирӯза: — Маънои ситораро медонед?

«Ситора» — аз тоҷикию форсӣ ба ӯзбекӣ «юлдуз» аст.

**— Ба сафари эҷодӣ ба кадом мамлакатҳои хориҷӣ сафар кардаед?**

Комила:

— Непал, Туркия, Европа...

Лайло:

— Англия, Росия.

**— Ҳозир дар болои кадом клип-суруд кор мебаред?**

— Албоми нав дар арафаи тайёр шудан аст. Моҳи август ба хориҷа ба сафари эҷодӣ рафтанӣ ҳастем. Барои он низ тайёрӣ мебинем.

**— Ягон суруди ватанонро хиргоҳӣ мекардед, бе ёрии мусиқа, албатта.**

— Биёед, инро ҳамчун «сюрприз» барои тамошобинон нигоҳ медорем.

**— Ихтиёратон. Саволи дигар. Дар байни санъаткорони ҷумҳурӣ гурӯҳи шумо яке аз аввалинҳо шуда бар зидди иллати нашъамандӣ суруд хондааст. Оиди пайдоиши ин суруд чанд сухан мегуфтед.**

— «Қора?» Ин суруд дар бораи «Нашъамандӣ», оҳангашро мусиқор Александр Зигарёв навишта, муаллифи матн Шаҳида ном шоира.

**— Устодонатон..?**

— Устозамон мактаб, консерватория, ҳаёт.

**— Ҳоло баъзан сурудҳои классикӣ (мақомро) ҳам бо асбобу оҳангҳои эстрадӣ иҷро мекунанд. Гурӯҳи «Ситора» чунин ният дорад ё на?**

— Асло. Жанри мақом бисёр душвор аст. Барои сурудани он овоз, маҳорат, дониш лозим.

**— Ҳоло мо сеанси аввали ҳунарнамоии шуморо тамошо кардем. Ба фикри шумо тамошобинон шуморо хуб пазируфтанд?**

— Албатта. Дар чунин корти замонавӣ ҳунарнамой кардан бароямон гуворост.

**— Фирӯза, чанде пеш байни мардум дар бораи шумо ҳар хел овозаҳо пайдо шуд... Шумо онҳоро чӣ тавр қабул намудед?**

— Оромона. Чунки медонам, дар атрофи санъаткорон ҳар хел овозаҳо мешаванд. Ин хел овозаҳо шудан бигиранд...

**— Нисбати мухлисон чӣ дархостҳо доред?**

Фирӯза: — Саломатӣ ва хушбахтӣ.

Лайло: — Муҳаббати пок.

Комила: — Омад ва осоиштагӣ таманно дорам!

**Улдон ҚАРАЕВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.

***Рӯзнома дар компютерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 344.***

Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **А. СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.